УДК 332.(575.3)
ББК – 65.04

**МОҲИЯТ ВА НАҚШИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ ДАР МИНТАҚА**

***Якубова Эхтибор Негматуллаевна*** *- муаллимаи кафедраи баҳисобгирии мухосибӣ ва аудити Донишгохи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, e-mail:master_print_88@mail.ru*

**СУЩНОСТЬ И РОЛЬ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ В РЕГИОНЕ**

***Якубова Эхтибор Негматуллаевна*** *- преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита Худжандского государственного университета имени Бободжона Гафурова, e-mail:master_print_88@mail.ru*

**THE NATURE AND ROLE OF SOCIAL INFRASTRUCTURE IN THE REGION**

***Yakubova Ekhtibor Negmatullaevna*** *- Lecturer, Department of Accounting and Auditing, Khujand State University named after Bobojon Ghafurov, e-mail:master_print_88@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *инфрасохтори иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, иқтисодии минтақа, прогресси илмӣ, мунисипалӣ, байналҳалқӣ.*

*Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии рушди соҳаҳои инфрасохторӣ ва таснифоти он мавриди таҳқиқи инфрасохтори минтақавӣ низ ба шакл ва намудҳо ҷудо карда шудааст. Инфрасохтори минтақа тибқи ақидаи олимон бо ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ зич алоқаманд буда, аз комплекси соҳаҳо, истеҳсолоти моддӣ, соҳаи иҷтимоӣ ҳам фаъолияти инсонро дар бар мегирад. Боиси қайд аст, ки ба масъалаҳои таъмини шароити мусоид барои фаъолияти ҷомеа ва инсон дар асарҳои фундаменталии классикони иқтисодӣ низ қайд карда шудааст. Инчунин ақидаи олимон доир ба ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва инфрасохтори минтақа комлпекси соҳаҳо, истеҳсолоти моддӣ, соҳаи иҷтимоӣ, ва фаъолияти инсон кушода дода шудааст.*

***Ключевые слова:*** *социальная, производственная и экономическая инфраструктура региона, научный прогресс.*

*В контексте данной статьи теоретические основы развития инфраструктуры и классификация региональной инфраструктуры также делится на формы и типы. По мнению ученых, инфраструктура региона тесно связана с процессом общественного производства и включает в себя комплекс отраслей, материального производства, социальной сферы, а также деятельности человека. Следует отметить, что вопросы создания благоприятных условий для жизни общества и человеческой деятельности затрагиваются и в фундаментальных трудах классиков экономики. Выявлены взгляды ученых на процесс общественного производства и инфраструктуру региона на комплекс отраслей, материальное производство, социальную сферу и деятельность человека.*

***Key words:*** *social, industrial, economic infrastructure of the region, scientific progress.*

*In the context of this article, the theoretical foundations of the development of infrastructure and its classification of the study of regional infrastructure are also divided into forms and types. According to scientists, the infrastructure of the region is closely linked with the process of social production and includes a complex of industries, material production, social sphere, as well as human activities. It should be noted that the issues of creating favorable conditions for society and human activity are also mentioned in the fundamental works of economic classics. The views of scientists on the process of social production and infrastructure of the region, a complex of industries, material production, social sphere, and human activity were also revealed.*

Бо тамаддуни ҷомеаи ҷаҳонӣ холат ва тамоюли сифати сатҳи зиндагии аҳолӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз мубаддал шуда истодааст, ки дар бештар ҳолат аз вазъи инфрасохтори иҷтимоӣ вобаста аст. Аз ин лиҳоз, дар охири асри XX ва дар оғози асри XXI дар илми иқтисоди ҷаҳонӣ муаммоҳои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ бо тарзи фаъол таҳқиқ шуда истодааст.

Ғайрисамаранок идора намудани объектҳои инфрасохтори минтақаҳо ҳатто бо нишондиҳандаҳои хуби рушди иқтисодӣ метавонад яке аз сабабхои паст гардидани сифати сатҳи зиндагии аҳолӣ гардад. Аз ин лиҳоз, ислоҳоти рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар ҳар як минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла Вилояти Суғд равияҳои асосии дигаргуниҳои иқтисодӣ иҷтимоӣ дар шароити муосир ба ҳисоб меравад.

Дар умум-инфрасохтори иҷтимоӣ чун қисми таркибии инфрасохтор дар шароити муосир ҳамчун ниҳоди махсуси ҷамъиятӣ – бозорӣ ба ҳисоб меравад. Алалхусус, мехостем ба мафҳумҳои инфрасохтор, инфрасохтори иҷтимоӣ равшанӣ андозем зеро дар минбаъда роҳҳои тадқиқот ба хатогиҳои ҷузъӣ, имловӣ роҳ надиҳем. Пеш аз он гуфтанием, ки инфрасохтор нақши калидиро дар ташаккул ва рушди муносибатҳои истеҳсолию бозорӣ ҳудуди иқтисодии қаламравҳо, ки ҳаракати мол, қувваи корӣ, захираҳои моддӣ ва молиявиро тибқи қонунгузорӣ бахри таъмин намудан хизмат мекунад. Оид ба маънои илмии инфрасохтор хело зиёд ва ақидаҳои гуногун мавҷуданд.
Одатан вақте, ки сухан дар бораи инфрасохтор меравад онро ҳамчун маҷмӯи соҳаҳо, ки бахри таъмин таҳия намудани шароити мусоид барои самаранок фаъолият доштани соҳаи истеҳсолот, гирд гардиши мол ва ҷараёни зиндагии аҳолӣ равона карда шудааст дар бар мегирад. [1]

Боиси қайд аст, ки ба масъалаҳои таъмини шароити мусоид барои фаъолияти ҷомеа ва инсон дар асарҳои фундаменталии классикони иқтисодӣ низ қайд карда шудааст, масъалан, яке аз асосгузорони назарияи классикӣ А. Смит оварда шудааст, ки «Заминаҳои ташаккул ва фаъолияти хоҷагии миллӣ маҷбур сохт, ки шароити моддӣ, ки барои ташкили самаранокии истеҳсолот имкониятҳои мусоид пайдо намояд». [2]

Дар адабиетҳои иқтисодии давраи шуравӣ инфрасохтор асосан ба 2 гуруҳ тақсим карда мешуд: ғайриистеҳсолӣ ва истеҳсолӣ. [3]

Вале дар шароити иқтисоди бозорӣ ва дар шароите, ки прогресси илми техникӣ бо суръати баланд ба ҳаёти инсон таъсир расонида истодааст, муҳити зисти аҳолӣ муҳити дохила ва берунаи сектори реалии иқтисодиёт куллан тағйир ёфта истодааст. Бинобар ин, дар шароити муосир ақидаҳои гуногун оид ба таснифоти инфрасохтор вучуд дорад. Масъалан, аз ҷониби олимон В.С. Антонюк ва А.Ж. Буликеева шаклҳои инфрасохтор аз рӯи критерияҳои зерин таснифот карда шудааст:

1. Аз рӯи критерияи ҳудудӣ. Чунин намудхои инфрасохторро аз ҳамдигар фарқ менамояд: - байналҳалқӣ, - миллӣ, - минтақавӣ, - маҳаллӣ.
2. Аз рӯи сохаҳо инфрасохтор ба чунин гурӯҳҳо тақсим карда шудааст: - истеҳсолӣ, - иҷтимоӣ, - иттилоотӣ, - шабакавӣ, - бозорӣ.
3. Аз рӯи омилҳои истеҳсолот бошад: - моддӣ, - инфиродӣ, - институтсионалӣ.
4. Аз рӯи характери объектҳо: - хаттӣ, - нуқтавӣ.
5. Аз рӯи шакли моликият: - давлатӣ, - мунисипалӣ (ҳокимияти маҳаллӣ), - хусусӣ. [4]

Дар навбати худ дар дигар тадқиқотҳо соҳаҳои инфрасохтор ба се гурӯҳи калон ҷудо карда мешавад: яъне истеҳсолӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоӣ (ба гурӯҳи инфрасохтори истеҳсоли ворид мегардад: комплекси нақлиётӣ, сохтмонӣ, энергетикӣ, иншооти нигоҳдорӣ, коммуникатсияҳои иттилоотӣ, савдои умум; ба сохтори институтсионалӣ бошад: инфрасохтори идоракунӣ, бозорӣ, ҳарбӣ ворид карда мешавад; ба сохтори иҷтимоӣ бошад: хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёти мусофиркашон, маориф ва илм, тандурустӣ, фарҳанг, санъат, варзиш, тарбияи ҷисмонӣ, коммуникатсияи иттилоотие, ки ба аҳолӣ хизмат мерасонад). Боиси қайд аст, ки критерияи асосии чунин таснифот дар он мебошад, ки таъиноти вазифавии субъектхои инфрасохторӣ ба инобат гирифта шудааст. Масалан, инфрасохтори иҷтимоӣ ин натанҳо маҷмӯаи соҳаҳо буда, балки намуд ва фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки хизматрасонии иҷтимоиро пешниҳод менамояд.

Дар илми иқтисодиёт чӣ тавре, ки соҳаҳои инфрасохторӣ таснифот карда шудааст, инфрасохтори минтақавӣ низ ба шакл ва намудҳо ҷудо карда шудааст. Инфрасохтори минтақа тибқи ақидаи олимон бо ҷараёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ зич алоқаманд буда, аз комлпекси соҳаҳо, ки ҳам истеҳсолоти моддӣ, соҳаи иҷтимоӣ, фаъолияти инсонро дар бар мегирад. [5]

Дар илми иқтисодиёт оид ба инфрасохтори иҷтимоӣ хело ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Баъзе онҳоро дар ҷадвали зерин дида мебароем.

Ҷадвали 1

| Сарчашма | Моҳияти мафҳум |
|---|---|
| Хомелянский Б.Н. Социалистическое воспроизводство: Воспроизводственный потенциал социальной инфраструктуры. – 1989. – 112 с. | Инфрасохтори иҷтимоӣ дар иқтисодиёти ҳар як давлат, инчунин дар иқтисодиёти баъзе минтақаҳо яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол мекунад, саломатии аҳолӣ, сатҳи маълумот ва тахассуси он яке аз омилҳои пешбарандаи рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. |
| Важенин С.Г. Социальная инфраструктура народно-хозяйственного комплекса.- М.: Наука, 1984. | Инфрасохтори иҷтимоӣ - маҷмӯи устувори унсурҳои моддӣ мебошад, ки барои ташкили оқилонаи намудҳои асосии фаъолияти инсон - меҳнатӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва ғайра истифода бурда мешавад, ки ба манфиати тамоми ҷомеа рушд мекунанд, шароит фароҳам меорад. |
| Тощенко Ж.Т. Социальная инфраструктура: сущность и пути ее развития. – М.: Мысль, 1980. – 206 с. | Инфрасохтори иҷтимоӣ ҳамин гуна зерсистемаи иқтисод мебошад, ки он манфиатҳои инфрасохтори иҷтимоиро эҷод ва татбиқ мекунад, ва аз ҷониби маҷмӯи ташкилотҳо ва иншоотҳои манзилӣ, фарҳангӣ, маишӣ, тиҷоратӣ ва тиббӣ муаррифӣ карда мешаванд. |
| Романов Д.Н. Роль модернизации социальной инфраструктуры в формировании национальной инновационной системы: автореф. дис. – Москва, 2011. | Инфрасохтори иҷтимоӣ - шароитест, ки ҳаёти инсонро дар ҳамаи соҳаҳо таъмин мекунад. |
| Голиков Н.Ф., Двоскин Б. Я. Инфраструктурно-территориальный комплекс (теория, методы, практика).- Алма-Ата: Гылым, 1990. | Мафҳумҳои "инфрасохтори иҷтимоӣ" ва "соҳаи хизматрасонӣ" бо ҳам зич алоқаманданд. Асоси ин дар он аст, ки ҳам дар шакли якум ва ҳам дар шакли дуввуми иҷтимоию иқтисодии меҳнат хизматрасонӣ мебошад. |

Чӣ тавре, ки аз мундариҷаи ҷадвали 1 бар меояд, мафҳуми инфрасохтори иҷтимоӣ мафҳуми доираи васеъи соҳаҳоро дар худ инъикос мекунад, вале ҳадафи асосии онҳо ҳалли масъалаҳое, ки бо баланд бардоштани некӯаҳолии миллат, тарбия намудани сармояи инсонӣ, такрористеҳсоли насли солиме, ки ба ҷамъият зарур аст дар худ инъикос менамояд. Аз ҳамин нуқтаи назар инфрасохтори иҷтимоӣ ҳамчун низоми мураккабе мебошад, ки бевосита дар ҳаёту фаъолияти омили инсонӣ таъсири худро дорад. Бинобар ин ғайрисамаранок идора намудани соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар соҳаҳо метавонад сабаби асосии тамоюлҳои негативӣ дар сифати ҳаёти аҳолӣ ва пас аз он зиёд намудани муаммоҳои иқтисодиро ташкил диҳад.

Дар самти омӯзиш бо баланд бардоштани сифати ҳаёти аҳолӣ дар илми иқтисодиёт якчанд равияҳои методологиро аз ҳамдигар фарқ менамояд : - равиши сохторӣ; - омилӣ; - низомӣ; - эволютсионӣ.

Равиши методологии сохторӣ инфрасохтори иҷтимоиро ҳамчун феномени мураккабӣ минтақавии низоми иқтисодӣ барои таҳқиқ намудан пешниҳод менамояд.

Равиши методологии омилӣ бошад, таҳқиқи инфрасохтори иҷтимоии минтақаро дар чорчӯбаи эҳё намудани шароитҳои такрористеҳсолӣ ва таъмини нигоҳдории яклухтии инфрасохтори иҷтимоии минтақавиро инъикос менамояд. [6]

Аз нуқтаи назари равиши методологии низомӣ инфрасохтори иҷтимоии минтақа фаъолият баҳогузорӣ карда шуда, масъалаҳои такрористеҳсолоти қувваи корӣ, ташаккули сармояи инсонӣ ва дигар масъалаҳо дар низоми иҷтимоӣ иқтисодии минтақа мавриди таҳқиқ қарор дорад.

Равияи методологии эволютсионӣ имкон медиҳад, ки рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар чорчӯбаи шарт ва шароитҳои тамоюли рушди иқтисодиёт, ки имрӯз дар ҷомеа эҳё гардидааст, дида баромада мешавад.

Дар умум, кулли равишҳои методологии таҳқиқи инфрасохтори иҷтимоии минтақа, яъне равияҳои сохторӣ, омилӣ, низомӣ ва эвволютсионӣ талаб менамояд, ки дар ҷараёни идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақа бо тарзи маҷмӯавӣ истифода бурда шавад, зеро дар ин равиш мувозинати зарурӣ таъмин карда мешавад.

Масалан, дар шароити муосир накши принсипиалиро мумкин ки узви ташкилии идоравӣ дошта бошад, яъне фаъолияти самаронокии субъектҳои инфрасохтори иҷтимоии минтақа аз рӯи мантиқ, гузориши мақсад, вазифаи мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ, оптимизатсияи воситаҳои буҷавӣ, назорати молиявӣ, аудит, банақшагирӣ, хароҷоти давлатӣ низ вобаста аст, ки дар натиҷа сифати ҳаёти аҳолии минтақа инъикос мегардад.

Дар бештар ҳолатҳо дар шароити муосир дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вақте, ки сухан оид ба фаъолияти ғайриқаноатбахши инфрасохтори иҷтимоӣ меравад, дар мавриди аввал сабабҳои онро дар норасогиҳои банақшагирии сектори давлатӣ, сифати қонеъ накардаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ, норасогиҳо дар низом буҷаи маҳаллӣ, мавҷуд набудани барномаҳои давлатӣ дида мешавад. Умуман, дар равияҳои методологӣ муқарраротҳои назариявӣ имкон медиҳад, ки нисбат ба таъмини инфрасохтори баланд бардоштани сифати ҳаёти аҳолии минтақа арзёбии объективӣ намоем.

Дар ҳақиқат, барои таъмини рушди иқтисодии иҷтимоии минтақа баланд бардоштани некӯаҳолии аҳолӣ ҳар як қисми таркибии инфрасохтори иҷтимоӣ ҳамчун объекти муҳими стратегӣ накш бозиданаш мумкин аст. Ин ҳолатро дар солҳои охир дар ҳолати пандемияи «Covid 19» бо тарзи ошкоро исбот намуд. Аз ҳамин нуқтаи назар, муайян намудани мундариҷаи иқтисодӣ-иҷтимоии инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои алоҳида дар бештар ҳолат аҳамияти таъиноти функсионалии муассисаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ тавоноии иҷроиши вазифаҳои худ ба инобат гирифта шуда истодааст. Вале ба ин нигоҳ накарда, чи тавре, ки дар ҷадвали боло оварда шудааст ақидаи ягона нисбати моҳияти инфрасохтори иҷтимоӣ ва ҳам нисбат ба сохтори соҳаҳои сохтории он дар илми иқтисодиёт мавҷуд нест.

Таҳқиқоти инфрасохтори иҷтимоӣ дар бештар ҳолат дар чорчӯбаи муаммоҳои муайян ё ин ки соҳаҳои алоҳидае, ки барои ҳаёти иҷтимоӣ зарур аст маҳдуд мегардад. Вале, дар илми иқтисодиёти муосир таснифоти гуногуни қисми таркибии соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ пешниҳод карда шудааст, ки омӯзиши онҳо дар тадқиқоти мазкур баҳри таъмини низомномавии комплексии он мусоидат менамояд. Боиси қайд аст, ки таснифотҳое, ки аз ҷониби олимон пешниҳод карда шудаст, хело зиёданд ва дар ин ҷода як қисми онҳоро ҳамчун тасдиқи ақидаҳои худ таҳлил менамоем. Масалан, аз чониби олимони рус Большевский М.Д. Саинко Ю.И. Новчан Б.С. , Казаков Ю.Н. соҳаҳои таркибии инфрасохтори иҷтимоӣ ба 5 гурӯҳ ҷудо карда шудааст, ки онҳо иборат : [7]

Аз ҷониби олими рус Иванов А.Б. қисми таркибии соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ба 4 блоки соҳавӣ тақсим карда шудааст, ки дар номгӯи он таъиноти функсионалӣ инъикос мегардад : [8]

- соҳаҳои хизматрасонии истеъмолоти неъмати моддӣ;
- соҳаҳои хизматрасонӣ баҳри таъмини истеъмолоти инфиродӣ;
- соҳаҳои хизматрасонии ташаккули шуури ҷамъиятӣ;
- соҳаҳои хизматрасоние, ки амалиёти низоми давлатиро таъмин менамояд.

Аз ҷониби олими иқтисодчӣ С.А. Ковалев соҳаҳои ғайриистеҳсолии инфрасохтори иҷтимоӣ гурӯҳбандии зеринро инъикос мекунад:

- хизматрасонии аҳолӣ;
- истеҳсоли арзишҳои маънавӣ (илм ва саноат);
- тайёр намудани кадрҳои баландихтисос;
- мақомоти идоракунии давлатӣ;
- воситаҳои ахбори омма. [9]

Боиси қайд аст, ки дар тадқиқотҳои илмии Пикулкин В.А. илова бар он ихтисосҳое, ки дар боло зикр гардид, соҳаи экология низ ҳамчун соҳаи мустақими инфрасохтори иҷтимоӣ ворид карда шудааст. [10] Дар ҳақиқат, агар таъиноти функсионалии инфрасохтори иҷтимоӣ барои рушди сармояи инсонӣ равона карда шуда бошад, ҳолати экологӣ низ бевосита ба саломатии аҳолӣ таъсир мерасонад. Аз ин нуқтаи назар бармеояд, ки ба сифати ҳаёти инсон низ таъсири назаррас дорад ва ворид намудани он ба соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ аз нуқтаи назари мантиқ дуруст аст. Зеро, дар шароити муосир на танҳо дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман дар ҷаҳон низ масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, беҳтар намудани ҳолати экологии минтақа рӯз ба рӯз ба муаммои мубрам табдил ёфта истодааст.

## АДАБИЁТ


1. Кокурин Д.И., Назин К.Н. Формирование и реализация инфраструктурного потенциала экономики России. — М.: Транслит, 2011. — С. 54-55. — 336 с.
2. Большая советская энциклопедия. Т. 18 М.: Советская энциклопедия. 1969– 1978.
3. Согачева О.В. Особенности формирования и функционирования социальной инфраструктуры региона // Вестник Тамбовского университета. 2009. № 3 (71). Серия: Гуманитарные науки. С. 388-392.

4. Степанов В.И., Рыкалина О.В. Современный подход к содержанию и сущности понятия инфраструктуры // Вопросы региональной экономики. 2012. Т. 12. № 3. С. 112-120.
5. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. -- М.: Соцэкгиз, 1962. –С. 547.
6. Жамин В. Инфраструктура при социализме // Вопросы экономики. — 1977. — № 2. — С. 13-20.
7. Хомелянский Б.Н. Экономический эффект социального планирования. Социально-экономическая инфраструктура в воспроизводственном процессе. — М.: Мысль, 1980. — С. 14.
8. Российская социологическая энциклопедия / Под общей редакцией академика РАН Осипова Г. В.– М.: Инфра-М, 1998. — 672 с.
9. В.С. Антонюк, А.Ж. Буликеева Социальная инфраструктура в системе региональной инфраструктуры Вестник Тюменского государственного университета, 2013. № 11. С. 37.
10. Иваненко Л.В., Овсянников А.А., Закинчик А.И. Развитие региона. Состав, место и роль региональной инфраструктуры // Вестник СамГАПС. 2007. №8 (12). С. 33-38.
11. Антонюк В.С., Данилова И.В., Буликеева А.Ж. Эффективность управления региональной социальной инфраструктурой в системе мер по повышению качества жизни населения субъектов РФ: теоретические и методические подходы // Фундаментальные исследования. – 2015. – № 5-2. – С. 361-373;
12. URL: http://www.fundamental-research.ru/ru/article/view?id=38223 (дата обращения: 22.09.2021).
13. Кондратов В.П. Развитие социальной инфраструктуры как фак-тор совершенствования качества жизни городского населения: дис. … канд. социол. наук/ В.П. Кондратов. – М.: РГБ, 2005.
14. А.Б. Иванов Социальная инфраструктура муниципального образования/ Вестник ТГЭУ. №4. 2007, С.4-8
15. Зубаревич Н.В. География непроизводственной сферы: курс лекций/ Н.В. Зубаревич. – Режим доступа: http://student.ecoross. ru/ upload/Uslugi-Lectures.zip [Дата обращения27.09.2021 г.].
16. Пикулькин В.А. Государственное регулирование экономики и социальный комплекс: учеб. пособие для вузов/ В.А. Пикулькин, Ю.В. Дурдыев, В.Э. Комов и др.; под ред. Т.Г. Морозовой, А.В. Пикулькина. – М.: Финансы и статистика, 1997. 352 с

LITERATURE

1. D.I. Kokurin, K.N. Nazin. Formation and implementation of the infrastructure potential of the Russian economy. - M .: Translit, 2011 .-- S. 54-55. - 336 p .
2. Great Soviet Encyclopedia. T. 18 M .: Soviet encyclopedia. 1969-1978 .
3. Sogacheva O.V. Features of the formation and functioning of the social infrastructure of the region // Bulletin of the Tambov University. 2009. No. 3 (71). Series: Humanities. Pp. 388-392 .
4. Stepanov V.I., Rykalina O.V. A modern approach to the content and essence of the concept of infrastructure // Questions of regional economics. 2012. T. 12.No. 3.Pp. 112-120.
5. Smith A. Research on the nature a.nd causes of the wealth of peoples. - M .: Sotsekgiz, 1962. –P. 547.
6. See: V. Zhamin Infrastructure under socialism // Economic Issues. - 1977. - No. 2. - Pp. 13-20 .
7. Khomelyanskiy B.N. The economic effect of social planning. Socio-economic infrastructure in the reproduction process. - M .: Mysl, 1980. - P. 14 .
8. Russian Sociological Encyclopedia / Under the general editorship of Academician GV Osipov - M .: Infra-M, 1998. - 672 p.
9. V.S. Antonyuk, A. Zh. Bulikeeva Social infrastructure in the system of regional infrastructure Bulletin of Tyumen State University, 2013. No. 11., P. 37.
10. Ivanenko L.V., Ovsyannikov A.A., Zakinchik A.I. Development of the region. Composition, place and role of regional infrastructure // Bulletin of SamGAPS. 2007. No. 8 (12). pp. 33-38.
11. Antonyuk V.S., Danilova I.V., Bulikeeva A.Zh. The effectiveness of regional social infrastructure management in the system of measures to improve the quality of life of the population of the constituent entities of the Russian Federation: theoretical and methodological approaches // Fundamental research. - 2015. - No. 5-2. - pp. 361-373
12. URL: http://www.fundamental-research.ru/ru/article/view?id=38223 (date of access: 22.09.2021).
13. Kondratov V.P. Development of social infrastructure as a factor in improving the quality of life of the urban population: dis. ... Cand. sociol. sciences / V.P. Kondratov. - M .: RSL, 2005.
14. A.B. Ivanov Social infrastructure of the municipality / Bulletin of TSUE. No. 4. 2007, pp.4-8
15. Zubarevich N.V. Geography of the non-production sphere: a course of lectures / N.V. Zubarevich. - Access mode: http: //student.ecoross. ru / upload / Uslugi-Lectures.zip [Date of treatment 09/27/2021].
16. Pikulkin V.A. State regulation of the economy and social complex: textbook. manual for universities / V.A. Pikulkin, Yu.V. Durdyev, V.E. Komov and others; ed. T.G. Morozova, A.V. Pikulkin. - M .: Finance and Statistics, 1997.352p.